# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи **Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом** дар мавзуи «**Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ. – Хуҷанд, 2025. – 28 с.

Ба доираи таҳлил кашидани истилоҳоти дорусозӣ, бешак, дар ошкор кардани таҳаввул ва ташаккули истилоҳоти забони тоҷикӣ нақши бисёр муҳим дорад. Ҳарчанд андешаҳо доир ба шинохти истилоҳоти дорусозӣ дар забоншиносии тоҷик ба назар мерасанд, бо вуҷуди ин комёбиҳо, баъзе муаммоҳое мушоҳида мегарданд, ки ниёз ба пажуҳиши ҷиддианд. Маҳз диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом барои кушодани яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии тоҷик – таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ пайванд гирифта, ҷиҳати ошкор кардани умумият ва тафовути чунин навъи калимаҳо дар ин ду забон мусоидат кардааст.

Аз мушоҳидаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки он аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, 12 фаслу 8 зерфасл, хулоса, рӯйхати адабиёт ва интишороти муаллиф иборат мебошад. Нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда ва натиҷаҳои ҳосилгардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертант аз ҷараёни таҳқиқи мавзуъ огоҳии комил дошта, онро дар доираи талаботи корҳои илмӣ ба сомон расонидааст.

Сафарзода О.И. дар **муқаддимаи** диссертатсияаш аз мубрамии интихоби мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, мақсаду вазифаҳои пажуҳиш, бозёфтҳои илмӣ, метод ва методологияи таҳқиқоти илмӣ, арзишҳои амалию назарии диссертатсия, ки аз ҷиҳати масъалагузорӣ ва муаррифӣ дар доираи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидаанд, сухан рондааст.

Унвони **боби якуми рисолаи** мавриди тақриз «**Асосҳои назариявии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ**» буда, аз се фасл иборат мебошад. Дар чунин фаслҳо доир ба омӯзиши назарияҳои навини истилоҳ ва истилоҳшиносии муосир, таърихи ташаккули истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ, замина ва марҳилаҳои ташаккули истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ ва ғ. маълумоти муфассали судманди илмӣ матраҳ гардидааст.

**Боби дуюми диссертатсия** мухтасс ба «**Таҳлили сохтории истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ**» буда, унвонҷӯ кӯшиш кардааст, ки оид ба риояи меъёрҳои интихоби истилоҳсозии дорусозӣ дар

забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ, усулҳои асосии истилоҳсозии дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ, истилоҳоти содаи дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ ва ғ. диққати худро равон созад. Ҷустуҷӯ ва хулосаҳои баровардаи диссертант басо ҷолиб буда, арзиши баланди илмиро соҳиб мебошанд.

Дар **боби сеюми диссертатсия**, ки «**Таҳлили маъноӣ ва таснифоти истилоҳоти дорусозӣ аз нигоҳи мансубияти забонӣ**» мебошад, диссертант оид ба нақши луғатномаҳо дар ташаккули истилоҳоти дорусозӣ, нақши истилоҳоти иқтибосии дорусозӣ дар ташаккули истилоҳоти дорусозии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ таваҷҷуҳ кардааст.

**Хулосаи диссертатсия** аз 16 банд иборат буда, ҳар яки онҳо натиҷагирӣ ва дастовардҳои илмии бобу фаслҳои диссертатсияро инъикос кардаанд, ки аз диди фарох ва қобилияти баланди илмии диссертант гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсия бо равиши хуби илмӣ навишта шуда, аз афзалиятҳои шоистаи зиёд бархурдор мебошад, аммо дар баробари ин баъзан камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар расиданд:

1. Дар мавридҳои алоҳида баъзан мисолҳои зиёд оварда шудааст (с.19).
2. Дар автореферат ҷо-ҷо ғалатҳои имлоиву китобат роҳ ёфтаанд (с.16, 25).

Мавриди зикр аст, ки нуқсонҳои мазкур характери ҷузъӣ дошта, ислоҳшавандаанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ қимати илмии авторефератро намекоҳонанд.

Таҳлили маводи фишурда, ки бо ду забон (тоҷикиву русӣ) мебошад, моро ба хулосае меорад, ки пажуҳиши илмии Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом кори мустақилона анҷомдодашуда маҳсуб ёфта, дорои аҳаммияти назариву амалист, он баҳри ошкоргардии умумият ва тафовути истилоҳоти дорусозии тоҷикиву фаронсавӣ мусоидат хоҳад кард.

Мақолаҳои дар саҳифаҳои маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (5 адад) ва маҷмуаҳои дигари илмӣ (2 адад) ба нашр расонидаи диссертант мазмуни кори илмияшро пурра инъикос мекунанд.

Рисолаи илмии О.И. Сафарзода бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ муқаррар шудаанд, пурра мувофиқат мекунад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи илмии **Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом** дар мавзуи «**Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ**» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта буда, ба

талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

**МУҚАРРИЗ:**
доктори илмҳои филология,
дотсенти кафедраи забони тоҷикии
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» Қӯрғонов З. Д.

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, микр.19,
хонаи 9, ҳуҷраи 17.
Тел: (+992) 92 840 11 65
E-mail: suhanvar1983@mail.ru

**Имзои доктори илмҳои филология**
**Қӯрғонов Зоҳид Деҳқоновичро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Сайдуллозода З.С.

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.
Тамос: (+992) 928057007
E-mail: zarrina_14.10.70@mail.ru
Сомона: www.hgu.tj
«04»- уми июни соли 2025